*Ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА – 014 назди Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон (734067, ш. Душанбе, кӯчаи Нахимов 64/14)*

# ***ТАҚРИЗ***

***ба автореферати диссертатсияи Исҳоқӣ Дилшод Илҳом дар мавзуи "Мукаммалгардонии амалиётҳои рақамии бонкӣ дар ташкилотҳои қарзии Ҷумҳурии Тоҷикистон" барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.07 - Молия, муомилоти пулӣ ва қарз***

Равандҳои рақамикунонии ҳамаи соҳаҳои иқтисодиёти миллӣ яке аз масъалаҳои аввалиндараҷа ба ҳисоб рафта, ҳалли он ворид намудани техника ва технологияҳои нав дар раванди фаъолият, даст кашидан аз усулҳои дастӣ ташкил намудани кор ва тағйир додани мафкураи кормандонро талаб менамояд.

Амалиётҳои рақамии бонкӣ омили тасодуфӣ набуда натиҷаи рушди иқтисодиёт, технологияҳои нав ва иваз гардидани эҳтиёҷотҳои мизоҷон мебошад. Дар асл, амалиётҳои рақамии бонкӣ – ин ҳамон хизматрасонии бонкӣ буда, фарқият дар усули пешниҳоди он мебошад. Бояд қайд намоем, ки амалиётҳои рақамии бонкӣ ин «нусхаи» хизматрасониҳои бонкӣ мебошанд, ин маънои онро дорад, ки дар номгӯйи амалиётҳои рақамии бонкӣ ягон хизматрасонӣ мавҷуд нест, ки он бо роҳи (усули) муққарарӣ пешниҳод карда нашавад. Аммо байни хизматрасониҳои муқаррарии бонкӣ Ҷумҳурии Тоҷикистон хизматрасониҳое, мавҷуданд, ки дар номгӯйи амалиётҳои рақамии бонкӣ нестанд. Ҳамчун мисол метавон хизматрасониҳоеро овард, ки бо амалиётҳои ба гарав мондани амволи ғайриманқул, тасдиқи намунаи имзоҳо барои шахсони ҳуқуқӣ ва ғайра вобастаанд.

Қобили дастгирист хулосабарории муаллиф оиди он, ки мизоҷони ташкилотҳои қарзӣ мехоҳанд, интихоб дошта бошанд ва онро амалиётҳои рақамии бонкӣ таъмин менамоянд. Аз тарафи дигар, аҳамияти иқтисодии амалиётҳои рақамии бонкӣ дар шароити муосир ниҳоят калон буда, он соҳаи мухталифи иқтисодиёти ватаниро дарбар мегирад.

Ба фикри мо, пешниҳоди муаалиф оид ба ба ҳайси ҳадафи панҷуми стратегии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян намудани рақамикунонии иқтисодиёти миллӣ сариваќтӣ буда он дастгирии он метавонад рушди иқтисоди миллиро ба сатҳи сифатан баланд бардорад.

Омӯзиши автореферати пешниҳодшуда нишон медиҳад, ки аз тарафи диссертант корҳои зиёде ба сомон расида, ҳадафҳои муайяншуда ҳалли худро ёфтаанд.

Диссертатсия ба талаботи Шиносномаи ихтисосҳои КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯйи ихтисоси 08.00.07 – Молия, муомилоти пулӣ ва қарз ҷавобгӯ мебошад.

Дар баробари нуқтаҳои мусбие, ки дар боло қайд шудаанд, автореферат дорои чунин камбудӣ мебошад: Ҳангоми омӯзиши таҷрибаи хориҷӣ муаллиф аз таҷрибаи мамлакатҳои ҳамсоя ва Федератсия Россия истифода бурдааст, аммо таҷрибаи пешқадами мамлакатҳои Ғарб мавриди омӯзиш қарор нагирифтанд.

Камбудии қайдшуда қиммати назариявӣ ва амалии кори илмиро коста намекунанд ва характери тавсиявӣ доранд.

Хулоса, автореферати диссертатсияи Исҳоқӣ Дилшод Илҳом дар мавзуи “Мукаммалгардонии амалиётҳои рақамии бонкӣ дар ташкилотҳои қарзии Ҷумҳурии Тоҷикистон” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.07 - Молия, муомилоти пулӣ ва қарз пешниҳод шудааст, ба талаботҳои Низомномаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси номбурда мебошад.

**Тақриздиҳанда:**

Мудири кафедраи молия ва қарзи
Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи А. Рӯдакӣ,
номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент Комилзода Н.Б.

Имзои Комилозода Н.Б– ро тасдиқ менамоям.
Сардори шуъбаи кадрҳо
ва корҳои махсуси ДДК ба номи А.Рӯдакӣ

«____» _______________ соли 2025

РАЁСАТИ КАДРҲО ВА КОРҲОИ МАХСУС

**Суроға:** Ҷумҳурии Тоҷикистон, 735360,
ш. Кӯлоб, кӯч. С. Сафаров, 16.
Тел: (+99283322) 235-06,
Почтаи электронӣ: www.Kgu.tj